**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2020.**

Муаллифи рисола мактаби афғонистоншиносии тоҷикро дар миқёси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мактаби илмии шуҳратёр ба қалам додааст, ки ин андешаи ӯ комилан дуруст аст. Олимони он дар баробари тавсифи манбаъҳои хаттии адабиёти оламшумули классикии форсу тоҷик, ба омӯхтани масъалаҳои умда ва муҳимми таъриху иқтисодиёти халқҳои Эрону Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ва мамлакатҳои араб машғул гардида, аз худ осори бунёдӣ ба ёдгор мондаанд.

Мусташриқи ин мактаби илмӣ – афгонистоншинос, ки бо осори мондагори худ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он маҳбубият ва шуҳрати хоссаеро соҳиб гардидааст, узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ.Назаров мебошад. Мавсуф мактаби қавии афғонистоншиносиро дар Тоҷикистон бунёд гузошта, роҳҳои минбаъдаи ташаккул ва таҳаввули онро муайян намуд. Бо вуҷуди ин ҳама хизматҳо дар афғонистоншиносӣ рӯзгор, осор ва саҳми ӯ дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон то кунун ба таври шоиста мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, рисолаи илмии Д.С.Қодировро таҳти унвони «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» метавон дар ин самт саҳифаи тозае ном бурд, зеро он бо асолат ва навоварии худ арзиши илмиро молик аст.

Аз фишурдаи рисола бармеояд, ки рисола аз сарсухан, 3 боб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва манобеи истифодашуда иборат аст.

Дар сарсухан аҳамияти илмии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ, заминаҳои манбаъшиносии таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект,

предмет ва фарзияи таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, чаҳорчӯбаи замонӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он хеле возеҳу равшан баён ёфтаанд.

Боби якуми рисола – «Ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии илмии Ҳақназар Назаров дар солҳои 30-50-уми асри XX» унвон гирифта, аз ду зербоб «Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров» ва «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих ва афгонистоншиносӣ дар Тоҷикистон» иборат мебошад. Муҳаққиқи ҷавон аз таҳқиқи ин боб ба хулоса омадааст, ки Ҳ.Назаров роҳи мушкилеро дар зиндагӣ ҷиҳати ба мақсад расидан тай намудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола дар ташаккули шахсияти Ҳақназар Назаров муҳит, заҳмату талошҳои ҳирфавӣ ва мустақими ӯ, сабақ аз устодони донишманд заминаи устувор ғузоштааст. Ин донишманди асил дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи таърих ва афғонистоншиносӣ саҳми арзанда гузоштааст. Шогирдон ва пайравонаш ӯро бемуболиға пири афғонистоншиносони тоҷик ном бурдаанд.

Боби дуюми рисола – «Инъикоси ҷунбишҳои оммавии мардумӣ ва маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон дар таҳқиқоти Ҳақназар Назаров» унвон гирифта, таҳқиқи масоили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афгонистон, ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар меҳвари он қарор гирифтааст. Таҳияи ин боб дар заминаи осори Ҳақназар Назаров ва муҳаққиқони соҳа дар партави далелҳои боварибахш ва муътамад сурат гирифтааст.

Боби сеюми рисола – «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» ном дорад, ки аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар зербобҳои он масъалаҳои «Ҳақназар Назаров ва таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон», «Ҳақназар

Назаров ва арзёбии моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ» ва «Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон»-ро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Диссертант аз таҳқиқи ин боб ба хулоса омадааст, ки профессор Ҳ.Назаров дар масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон дидгоҳи хос ва холисонаи худро дорад. Таъкиди муҳаққиқи ҷавон дуруст аст, ки Ҳ.Назаров идомадиҳандаи консепсияи илмии И.Рейснер дар масъалаи миллӣ буда, онро вобаста ба шароити нави таърихи Афғонистон такмил додааст. Дар баробари ин Ҳ.Назаров консепсияи нави омӯзиши ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20-уми асри ХХ, ба хусус шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калакониро пешниҳод менамояд, ки аз он имрӯз муҳаққиқони афғонистоншинос васеъ истифода мебаранд. Муаллифи рисола бар ин назар аст, ки бар хилофи андешаҳои илмии Ҳ.Назаров перомуни мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳанғии Афғонистон зумрае аз муаллифони мутаассиб ва тангназар тамоми комёбиҳои Хуросон (Афғонистони кунунӣ)-ро ба афғонҳо (аниқтараш – пуштунзабонҳо) нисбат дода, бо ин амал аз воқеияти таърихӣ дурҷӯӣ менамоянд.

Дар хулоса натиҷаҳои илмии диссертатсия ва тавсияҳо ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи истифодаи осори илмии профессор Ҳ.Назаров ва дарки воқеӣ ва дурусти равандҳои таърихии Афғонистон ҷамъбаст гардида, ба таври ихчам оварда шудаанд.

Забон ва услуби нигориши фишурдаи рисола сода ва фаҳмо буда, дар он мантиқи сухан ва пайдарпайии замонӣ қотеона риоя гардидааст. Дар баробари ин ҳама муваффақиятҳо дар фишурдаи рисола баъзе хатоҳои ҷузъӣ, ки аслан моҳияти техникӣ (партофта шудани ҳуруф) ва имлоӣ доранд, дар баъзе саҳифот ба мушоҳида мерасад. Ин ғалатҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва воқеии рисолаи илмро коҳиш намедиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиши фишурдаи рисолаи Қодиров Довар Саидаллоевич «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор ва арзанда аст.

Муовини Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи Моёншо Назаршоев оид ба таълим,
номзади илмҳои таърих, дотсент Алимшоев М.М.

**Суроға:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, хиёбони Ленин, 22.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
Телефон (+992) 93 598 45 96
E-mail: alimshoev@list. ru

«Имзои Алимшоев М.М.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи
Моёншо Назаршоев Шабдолов Қ.